*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 15 (4755) | ЧОРШАНБЕ, 31 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сатториён М. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Сатториён Матлубахон Амонзода бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 712**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Давлатзода З. Д.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Давлатзода Зулфия Давлат бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 713**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қодирзода С. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Қодирзода Саъдӣ Сангинмурод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 714**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Арабии Миср озод намудани Қосимӣ Заробиддин**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Қосимӣ Заробиддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Арабии Миср озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 715**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» озод намудани Розиқзода А. Ш.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Розиқзода Абдулҳакими Шералӣ бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи раиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 716**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон озод намудани Асозода Н. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Асозода Нуралӣ Маҳмадулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 717**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Леваканти вилояти Хатлон озод намудани Файзиддинзода Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Файзиддинзода Бунафша бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси шаҳри Леваканти вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 718**

### Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон





# РАҲНАМО БА ФАРДОИ НЕК

**Ироа гардидани Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» мужда барои ҳар хонадони тоҷик аст. Паём ҳар сол дар арафаи соли нави мелодӣ садо дода, файзу баракат ва хушҳолию болидарӯҳӣ ҳадя менамояд.**

Паёми навбатӣ, ки онро 28 декабри соли 2023 бо ифтихори баланди миллӣ гӯш кардем, фарогири дастовардҳои Тоҷикистон дар ҳафт соли охир буд.

Пешвои миллат иброз доштанд, ки новобаста ба вазъи нооромии ҷаҳон, тағйирёбии иқлиму ҳодисаҳои нохуши табиӣ Тоҷикистон тавонист дар ҳама самтҳо ба пешравии назаррас ноил гардад. Соли 2023 маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли 2022-юм 8,3 фоиз зиёд ва ба 130 миллиард сомонӣ расид. Қисмати даромади буҷет 102,5 фоиз таъмин гардида, Ҳукумат уҳдадориҳои иҷтимоии худро дар назди шаҳрвандон сарбаландона иҷро намуд. Ба ин мақсад аз ҳисоби буҷет беш аз 40 миллиард сомонӣ равона гардид, ки нисбат ба соли 2022-юм 5,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Пешвои миллат бо қаноатмандӣ иброз доштанд, ки дар солҳои охир таваҷҷуҳи Ҳукумат ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи босамари имкониятҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии иқтисод, инкишофи неруи инсонӣ, тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, зиёд намудани имконоти содиротии мамлакат, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва некуаҳволии мардум равона шуда, ин раванд бомаром идома меёбад.

Дар Паём муқоисаи рушди иқтисодии мамлакат хеле мушаххас буд. Иброз гардид, ки дар ҳафт соли сипаришуда рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 фоизро ташкил дода, даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзуда, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112, 7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид. Музди миёнаи меҳнат беш аз ду баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид. Боиси қаноатмандӣ аст, ки сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 то 62 фоиз дар соли 2023 паст шуд. Таъкид гардид, ки: «Агар чунин раванди ободкорӣ минбаъд низ аз ҷониби мардуми шарифи Тоҷикистон ва Ҳукумат амалӣ гардад, дар ҳафт соли оянда сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз паст мегардад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки дар соли 2024 бо амалӣ намудани тадбирҳои пешбинигардида рушди иқтисоди миллиро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намоем».

Ғамхорӣ дар ҳаққи оилаҳои камбизоат ва кӯдакони маъюб, инчунин, пардохти ҷубронпулиҳои яквақта ба шаҳрвандони аз офатҳои табиӣ зарардида дар мадди назари Сарвари давлат буда, дар ин муддат ба ин мақсад 2 миллиарду 70 миллион сомонӣ равона гардидааст. Зикр шуд, ки дар се соли минбаъда ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи иҷтимоӣ афзоиш дода шуда, ба ин мақсад 61 миллиард сомонӣ равона мегардад.

Дар Паём Вазорати молия муваззаф гардид, ки якҷо бо сохторҳои дахлдор дар наздиктарин муҳлат низоми мукаммали муносибатҳои молияи рақамиро роҳандозӣ ва низоми пардохтҳои ғайринақдиро дар ҳама соҳаҳо таъмин намояд.

Дар Паём аз рушди соҳаҳои саноат, энергетика, коммуникатсия, бунёди роҳҳои муосир, рушди кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва сайёҳӣ дар ин солҳо ва минбаъд сухан рафт. Таъкид шуд, ки мо ба рушди иқтисоди мамлакат аз соли 2000-ум, яъне ҳамагӣ 23 сол пеш оғоз намудем.

Ба таъкиди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, рушди босуръати саноат ба рушди соҳаи энергетика ва таъмини корхонаҳо бо барқ вобастагӣ дорад. Мужда доданд, ки «тасмим гирифтаем соли 2025 агрегати сеюми Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода диҳем. Бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳими аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд».

Дар Паём Президенти ҷумҳурӣ дастур доданд, ки Ҳукумати мамлакат, Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва сохторҳои дахлдор «Барномаи давлатӣ оид ба кабудизоркунӣ барои давраи то соли 2040»-ро қабул ва амалӣ намоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 1 январи соли 2024 музди меҳнати хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз, аз 1-уми июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин иловапулӣ ба онҳо 30 фоиз, маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ ва муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 40 фоиз зиёд мешавад.

Муҳимтар аз ҳама, ҳадди ақалли музди меҳнат аз 1 июли соли 2024 набояд аз 800 сомонӣ кам бошад .

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: «Соли 2023-юм 15 ёдгории таърихию фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори баланд пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати мо дар байни ҷомеаи башарӣ гардид».

Бинобар ин, дастур доданд, ки бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори нав - Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ таъсис дода шавад.

Хулоса, Паёми навбатӣ мо - тоҷикону тоҷикистониёнро водор месозад, ки аз ҳарвақта бештар дар атрофи сиёсати хирадмандона ва созандаю бунёдкоронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷамъ шуда, бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу ваҳдат дар фазои осудаи кишвар баҳри ободонии диёр, таҳкими дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ камари ҳиммат бандем.

**Мурод ШУКУРЗОДА,**
**узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МУЛОҚОТИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН



**Сиюми январи соли 2024 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода ва вакили Маҷлиси намояндагон Фозил Обидзода бо интихобкунандагон роҷеъ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот намуданд.**

Вакилон зимни вохӯрӣ иброз намуданд, ки мақсади Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, таъмини зиндагии шоиста барои ҳар як сокини мамлакат мебошад.

Дар давраи сипаришуда ташаббусҳои қонунгузории вакилон ба татбиқи ҳар чӣ зудтари ҳадафҳои стратегии давлат - таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, ҳамчунин, ба таҳкими минбаъдаи иқтидори давлат ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум равона гардида буд.

Дар анҷоми мулоқот вакилон ба саволҳои интихобкунандагон посух гуфтанд.

**Дар доираи чорабинии шарҳу тавзеҳи муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сурайё Дӯстмуродзода бо сокинони деҳоти «Сомон»-и шаҳри Ҳисор вохӯрӣ доир намуд.**

Ҳангоми вохӯрӣ аз ҷумла, зикр гардид, ки дар Паём оид ба пешбурди самараноки сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузошта шудааст.

Дар навбати худ, сокинони деҳот бо дастгирию ҳамовозии ҳамаҷониба аз Паёми Президенти ҷумҳурӣ ваъда доданд, ки дар самти вусъат бахшидани корҳои ободонӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳои Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб мегузоранд.

**Дар ноҳияи Айнӣ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғиёсиддин Шарифзода бо интихобкунандагони деҳоти «Айнӣ» вохӯрӣ баргузор намуд.**

Зимни мулоқот вакили Маҷлиси намояндагон зикр намуд, ки Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, баҳри рафъи камбудиҳои ҷойдошта дастурҳои мушаххас доданд.

- Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи васеи масъалаҳои марбут ба рушди кишвар, сиёсати дохилӣ ва хориҷии онро дар бар мегирад. Он як ҳуҷҷати стратегӣ мебошад, ки афзалиятҳои рушди кишварро муайян ва тавсияҳои муҳимро барои иҷрои ин вазифаҳо пешниҳод мекунад. Паём ба таҳкими эътимоди халқ ба Пешвои миллат, беҳтар кардани иртибот байни мақомоти давлатӣ бо аҳолӣ ва мусоидат ба нуфузу эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад,- афзуд Ғиёсиддин Шарифзода.

Зимни вохӯрӣ иштирокдорон вобаста ба дархосту пешниҳодоти худ посуххои мушаххас гирифтанд.

**Дар ноҳияи Шаҳринав мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Баротзода бо кормандони касбу кори гуногуни ноҳия баргузор шуд.**

Зимни суханронӣ Файзулло Баротзода изҳор намуд, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ, махсусан соҳаи энергетика, дастурҳои судманд дода шуданд.

Таъкид гардид, ки рушди самтҳои гуногуни сайёҳӣ, индекси рушди инсонӣ ҷиҳати тарбияи кадрҳои баландихтисос барои пешрафти кишвар дар самти истифодаи технологияҳои нав, рушд ва тақвият додани соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва фарогирии шаҳрвандон ба илму маориф, зиёд намудани мактабҳо ва ҷойҳои корӣ аз масъалаҳои меҳварии Паём маҳсуб меёбанд.

Иброз гардид, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замоне пешниҳод гардид, ки кишвари азизи мо ба марҳалаи нави рушд ворид шуда, мардуми шарафманди Ватани маҳбубамон ба сӯи ояндаи ободу осуда бо қадамҳои устувор пеш мераванд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Комрони АСЛОН,**
**Сайидо НАЗАРОВ,**
**«Садои мардум»**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Мансурӣ Д. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Мансурӣ Дилрабо Сайдулло муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 719**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сатториён М. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Сатториён Матлубахон Амонзода вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 720**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Раҳимзода С. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Раҳимзода Султон Нурмаҳмадпур раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.
2. Фармони мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 721**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъйин намудани Давлатзода С. Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Давлатзода Сайфиддин Хайриддин раиси Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 722**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таъйин намудани Салимзода А. Ф.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Салимзода Амонулло Файзулло президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № 723**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» озод намудани Ғафурзода А. Д.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 725**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи озод намудани судяҳо**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Ҷаъфарзода Латофат Қаландар бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи раиси суди ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон озод карда шавад.
2. Абдураҳмонзода Бахтиёр Саидумрон аз вазифаи раиси суди ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон,

Маҷидзода Фирдавс Маҷид аз вазифаи судяи суди шаҳри Леваканти вилояти Хатлон, бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад, озод карда шаванд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 726**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон озод намудани Баротзода Ф. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Баротзода Файзулло Раҷаб бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 727**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон озод намудани Асозода Д. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Асозода Дилшод Алимурод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 728**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон озод намудани Ҷаббори Ғ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҷаббори Ғаффор бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 729**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон озод намудани Раҳмон И. Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҳмон Исломиддин Хайриддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 730**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон озод намудани Мирзозода М. Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Мирзозода Музаффар Бурҳон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 731**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон озод намудани Шарифзода Л. Ш.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шарифзода Лутфия Шариф бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 732**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон озод намудани Холмурод Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Холмурод Раҳмон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 733**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Файзобод озод намудани Холзода Б. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Холзода Бобишо Нарзулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Файзобод озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 734**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Рашт озод намудани Муқимӣ Р. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Муқимӣ Раҳимҷон Набизода бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Рашт озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 735**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд озод намудани Қудратзода Т. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Қудратзода Тоҳир Толибӣ аз вазифаи раиси ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 736**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъйин намудани Сафарзода Д. Ҷ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафарзода Даврон Ҷурахон ректори Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 737**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъйин намудани Муминзод А. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Муминзод Абдулмаҷид Мубин иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 738**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон таъйин намудани Шарифӣ Ф. Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шарифӣ Фирӯза Бурихонзода иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Нораки вилояти Хатлон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 739**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Леваканти вилояти Хатлон таъйин намудани Муминзода М. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Муминзода Мастура Табарӣ иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Леваканти вилояти Хатлон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 740**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон таъйин намудани Суризода Н. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Суризода Носир Маробдек иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 741**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон таъйин намудани Саломзода С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Саломзода Сиҷоуддин иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 742**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон таъйин намудани Амирзода С. Р.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Амирзода Сайвалӣ Раҳмоналӣ раиси ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 743**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон таъйин намудани Холиқзода Р. Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Холиқзода Рустам Ҳикматулло раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 744**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон таъйин намудани Набизода Ф. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Набизода Фаррухиддин Амрудин иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 745**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон таъйин намудани Абдуллозода Т. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Абдуллозода Тағой Маҳкам иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 746**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Файзобод таъйин намудани Каримзода М. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Каримзода Мансур Тағой иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Файзобод таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 747**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Рашт таъйин намудани Идизода З. Ф.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Идизода Зарина Фузайлшо иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Рашт таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 748**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд таъйин намудани Юлдошзода О.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Юлдошзода Олимбек иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № 749**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, № 15, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Қурбонзода Ҳ. Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қурбонзода Ҳилолбӣ Ҷумъахон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, № 16, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Каримзода Ҷ. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Каримзода Ҷамшед Абдураҳмон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, № 17, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Гулмуродзода К. Г.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Гулмуродзода Карим Гулмурод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, № 18, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сафарзода Р. С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сафарзода Рукмина Сафар бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, № 19, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Мирзозода Н. Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзозода Нусратулло Неъмат бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, № 20, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» озод намудани Давлатзода С. Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Давлатзода Сайфиддин Хайриддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, № 21, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» озод намудани Шарифзода М. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Шарифзода Мумин Машокир бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, №22, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини раиси Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» озод намудани Сайфзода Ш. Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Сайфзода Шаҳло Ҷамол бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини раиси Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, №23, ш. Душанбе**

**Дар бораи раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Файзиддинзода Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Файзиддинзода Бунафша раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, №24, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» таъйин намудани Ҳошимзода Ҳ. Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, №25, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таъйин намудани Қурбонзода М. Р.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 29 январи соли 2024, №26, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини раиси Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» таъйин намудани Сафарзода Р. С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Сафарзода Рукмина Сафар муовини раиси Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 30 январи соли 2024, № 29, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Муминзод А. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Муминзод Абдулмаҷид Мубин бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 30 январи соли 2024, № 30, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов озод намудани Сафаров Ш. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Сафаров Шодӣ Асомуродович бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 30 январи соли 2024, № 31, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» озод намудани Абдуллозода Қ. Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Абдуллозода Қурбоншо Ҳайдар бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 30 январи соли 2024, № 32, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи роҳбари маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» озод намудани Камолиддинзода И. Ҷ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Камолиддинзода Илёсиддин Ҷамолиддин аз вазифаи роҳбари маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 30 январи соли 2024, № 33, ш. Душанбе**

**Дар бораи ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов таъйин намудани Абдуллозода М. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Абдуллозода Муҳаммадшо Мирзохон ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 30 январи соли 2024, №34, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» таъйин намудани Каримзода Ш. Б.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Каримзода Шуҳрат Бозор директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои кӯдакони лаёқатманд дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 30 январи соли 2024, № 35, ш. Душанбе**

**Дар бораи директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор» таъйин намудани Намоззода Ҷ. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Намоззода Ҷамшед Ашурмад директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор» таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 30 январи соли 2024, № 36, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Давлатзода С. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Давлатзода Салим Музаффар муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 30 январи соли 2024, № 37, ш. Душанбе**

**Дар бораи роҳбари маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» таъйин намудани Муҳаммадзода М. С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**
Муҳаммадзода Муҳаммад Султон роҳбари маъмурияти Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» таъйин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи роҳбари Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № АП-501**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қосимӣ Заробиддин роҳбари Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 29 январи соли 2024, № АП-502**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қурбонзода Суҳайлӣ Кароматулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори раёсати рушди инфрасохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № АП-504**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Давлатзода Наҷмиддин Сайфиддин муовини раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 январи соли 2024, № АП-505**

* * *

# ТАЪЙИНОТИ КАДРӢ

30-юми январи соли 2024, мутобиқи моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», Мирзозода Музаффар Бурҳон ба вазифаи муовини якуми раиси вилояти Хатлон, Каримзода Ҷамшед Абдураҳмон ба вазифаи муовини раиси вилояти Хатлон, Абдусаломзода Анзурат Абдусалом ба вазифаи муовини раиси вилояти Хатлон, Қурбонзода Суҳайлӣ Кароматулло ба вазифаи муовини якуми раиси вилояти Суғд таъйин гардиданд.




# НА ҲАМАИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ТОҶИКИСТОН - ВАТАНИ АЗИЗИ МАН» БА СОҲАИ МУСИҚӢ МЕПАЙВАНДАНД. ЧАРО?

**Барои баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» аз ҳисоби буҷети ҷумҳурию маҳаллӣ маблағи зиёд сарф мешавад, аммо на ҳамаи ғолибон ба соҳаи мусиқӣ мепайванданд, ҳол он ки ҳадаф аз роҳандозии озмуни мазкур дарёфту тарбияи истеъдодҳои нав мебошад. Масъулини соҳа ҷиҳати бартараф намудани ҳолат чӣ тадбир меандешанд?**



Муовини якуми вазири фарҳанг Обид Одилзода ба ин суоли хабарнигори «Садои мардум» дар нишасти матбуотӣ 29-уми январ чунин посух гуфт: «Ғолибони озмун имкони ба мактабҳои миёнаи махсуси мусиқӣ, коллеҷи мусиқӣ ва олии мусиқӣ тариқи суҳбат, ройгон, бе супурдани имтиҳон қабул шуданро доранд, аммо, афсӯс, на ҳама ғолибон ба ин самт мепайванданд. Ҳоло ба ин мақсад корҳои тарғиботӣ мебарем».

Давлат Сафар, муовини вазири фарҳанг, бо эътирофи ин ҳолат илова намуд: «Бархе аз онҳо, аз ҷумла Зулқада Қурбоноваро, ки ҳоло дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино таҳсил менамояд, барои иштирок ба чорабиниҳои фарҳангӣ ҷалб намудем. Ӯ ҳатто тариқи шартнома ба Ансамбли эстрадии «Гулшан» ба кор пазируфта шуд».

Зимни нишасти матбуотӣ ҳамчунин, иттилоъ гирифтем, ки номинатсияи «Ҳулбук - Хутали қадим» бо фарогирии 12 ёдгорӣ омода ва ҷиҳати шомил намудан ба Феҳристи ёдгориҳои ЮНЕСКО пешниҳод шудааст.

Соли 2023 аз ҷониби Вазорати фарҳанг 16 асари драмавӣ ва 16 асари мусиқӣ ба маблағи 120000 сомонӣ харидорӣ шуда, театрҳои касбии кишвар 53 асари навро саҳнавӣ намуданд, ки 34-тои он дар театрҳои музофотӣ рӯи саҳна омаданд.

Тавассути «Корвони китоб» китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб бо 1425 ва 20 китобхонаи мутамарказонидашудаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бо 3150 нусха китоб таъмин шуданд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# Нуриддин САИД: «БАРОИ 144 НАФАР МАНЗИЛИ ИСТИҚОМАТӢ БУНЁД МЕГАРДАД»

**Нуриддин Саид, раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни нишасти матбуотӣ 29-уми январ фаъолияти кумитаро дар соли 2023 назаррас арзёбӣ намуд. Тавре иттилоъ дода шуд, ҳоло дар ҷумҳурӣ 101 шабакаи давлатию хусусии телевизиону радио ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ фаъолият дорад.**



Дар соҳаи телевизион ва радио ду барномаи давлатӣ - «Барномаи давлатии рушди телевизион ва радио дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва «Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» татбиқ мегардад. Тайёр намудани журналистони барномаҳои муаллифӣ, рӯзноманигорони соҳавӣ ва сенариянависон аз ҳадафҳои барномаҳои мазкур маҳсуб меёбад. Кумита бо беш аз 20 давлати ҷаҳон дар соҳаи телевизион ва радио ҳамкории доимӣ дошта, соли сипаришуда 17 рӯзноманигор аз кумита ва воҳидҳои сохтории он дар Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба курсҳои омӯзишӣ фаро гирифта шуданд.

Оид ба фарогирии аҳолии мамлакат бо пахши рақамӣ изҳор гардид, ки айни ҳол он ба 83,4 фоиз баробар аст. Роҳбарияти кумита ният дорад ояндаи наздик онро ба 100 фоиз расонад.

Соли равон дар Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми хайр роҳандозӣ мешавад. Қарор аст барои 144 корманди кумита ва зерсохторҳои он манзили истиқоматӣ бунёд гардад.

- То имрӯз арзиши сохтмон муайян ва лоиҳаи он тасдиқ гардида, аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе иҷозатнома гирифтем. Музояда эълон намуда, сипас, сохтмонро оғоз менамоем,- гуфт Нуриддин Саид.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

# ДАҲ ИХТИСОС АЗ АККРЕДИТАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ГУЗАШТ

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Эмомалӣ Насриддинзода зимни нишасти матбуотӣ 29-уми январ иброз намуд, ки соли 2023 даҳ ихтисоси муҳиму зарурӣ барои иҷтимоиёту иқтисодиёти кишвар - кори табобатӣ, тиббию ташхисӣ, дорусозӣ, математика, физика, кимиё, биология, молия ва қарз, муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносӣ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, ба муҳлатҳои муайян сертификати байналмилалиро соҳиб шуданд.**



Ҳамчунин, соли сипаригардида дар донишгоҳ ихтисосҳои бизнес-маъмуриятчигӣ, электроникаи тиббӣ, биохимияи тиббӣ, химия-биология, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, фаъолияти судӣ-прокурорӣ-муфаттишӣ, забони хориҷӣ (бо нишон додани забон) ва педиатрия таъсис ёфта, ба нақшаи қабул дар соли таҳсили 2024-2025 ворид карда шуданд.

- Тасдиқ шудани намунаи ягонаи дипломи таҳсилоти олии касбӣ барои хатмкунандагони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дастоварди муҳим маҳсуб ёфта, дар самти ба расмият даровардани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ иқдоми аввалин дар кишвар мебошад, - афзуд ректор ва дар идома иброз дошт, ки ифтитоҳи телевизиони таълимии ДМТ дар пояи факултети журналистика низ аз рӯйдодҳои муҳими соли гузашта буд.

**Абдумаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»**

# 66 ФОИЗИ АҲОЛӢ БО ОБИ НӮШОКӢ ТАЪМИНАНД

**29-уми январи соли 2024 зимни нишасти матбуотӣ директори генералии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» Усмон Давлатзода иброз намуд, ки соли 2023 аз тарафи корхонаҳои тобеи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ба аҳолӣ ба маблағи 207 миллиону 823,3 ҳазор сомонӣ хизматҳои гуногуни коммуналӣ расонда шуд.**



Мувофиқи маълумоти пешакӣ, корхонаҳои тобеи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» соли 2023 ба суратҳисоби мақомоти андози шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 47 миллиону 130 ҳазор сомонӣ ворид намудаанд. Соли 2023 аз тарафи корхонаҳои коммуналии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ободонию кабудизоркунӣ ба маблағи 49 миллиону 300 ҳазор сомонӣ ба иҷро расонда шуд, ки 95 фоизи иҷрои нишондиҳандаҳои пешбинишударо дар бар мегирад.

Ҳамчунин, номбурда иттилоъ дод, ки корхонаҳои обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партови КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» соли 2023 таъминоти оби нӯшокиро ба 59 миллиону 966 ҳазор метри мукааб расонда, 20 миллиону 532, 7 ҳазор метри мукааб партовобҳои онҳоро баровarданд. Маблағи хизматрасонӣ 103 миллиону 209 ҳазор сомониро дар бар мегирад. Аз аҳолии ҷумҳурӣ 66 фоиз, ё ин ки 6 миллиону 741 676 нафар бо оби нӯшокии мутамарказонидашуда таъмин мебошанд, ки нисбат ба соли 2018 як миллиону 618 ҳазор нафар зиёд мебошад.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ, «Садои мардум»**

Ҷашни меҳру фаровонӣ

# ҶАШНИ САДА ДАР КӮҲИСТОНИ ТЕРАЙ

**Агар шумо майли сайёҳӣ ва ошно гаштан бо расму оини мардуми кӯҳистонро доред, ба мавзеи Давлатободи куҳан биёед, баъд ба деҳаи хушбоду ҳавои Доғистон равед ва кӯҳи Эмом Аскараро зиёрат созед, ки дар баландии 3000 метр аз сатҳи баҳр ҷой гирифтааст. Дар ҷониби шарқи деҳаи Доғистон тақрибан дар масофаи 8-10 км кӯҳи ҳалқамонанди Териклитоғ ба назар мерасад.**



Қуллаи баландтарини он «Шоҳу арӯс» ном дорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «тоғ» ё «теғ» - кӯҳ, теғаи кӯҳ, қуллаи кӯҳ баён шудааст.

Рӯ ба рӯи қуллаҳои «Шоҳу арӯс» ва «Деворбарс» пайроҳаи пурпечутоб шуморо ба мавзеи «Дунбакон»-у «Калоти Аспон» мебарад. Он ҷо манзараҳои дилфиреб ва муъҷизаосо пеши назар ба ҷилва меоянд. «Дунбакон» ҷои зисти шерпаланг, юзи ваҳшӣ ва савсорҳо мебошад. Онҳо нахчир ва бузҳои пармашох ё ба истилоҳ «бузҳои морхӯр»-ро шикор мекунанд.

«Калоти Аспон» мисли ҷазираест дар байни ҷарию қуллаҳои осмонбӯс. Маконе, ки аз аввали баҳор то фасли тирамоҳ чарогоҳи аспони бодпо буд. Дар он ҷо деҳаи Кури Шол низ мавҷуд аст, ки нақбе дорад чун қасрҳои афсонавӣ ва шаршарае, ки аз баландии 50-60 метр ба поён мерезад.

Дар ҳамин макон то солҳои 50-60 асри гузашта ҷавонмардони деҳоти Кури Шол, Ҷангалак, Лӯлибача, Боғи Сабзалӣ, Қабоқ, Навобод, Зуъ, Анҷиркон, Ворӣ, Амбрути хам, Заранг дар охири моҳи январ аз рӯи тақвими ниёгон 10 -уми баҳманмоҳ бо тӯшаю талқон омада, шикор мекарданд. Сипас, ҷашн ороста, аз гӯшти кабку мешу нахчир шӯрбою кабоб тайёр менамуданд. Гулхан афрӯхта, рақсу сурудхонӣ мекарданд, даври гулхан гирд гашта, аз болои он меҷаҳиданд. Садои фалаксароияшон кӯҳистонро фаро мегирифт. Ин ҷашн то рӯзҳои аввали моҳи феврал идома меёфт.

Фарҳангшинос Сангаҳмад Даминзода дар китоби «Авроқи зиндагӣ» навиштааст: «Шахси дигари соҳибэҳтироми деҳаи Навобод, ки ман зикрашро кардан мехоҳам, Ятим ном дошт ва 120 сол умр дид… Ана, ҳамин пири гармию сардии рӯзгорро дида сайёҳ ва боғбон буд. Борҳо ба Бухоро, Самарқанду Қӯқанд сафар карда, аз шаҳрҳои Балх ва Чаёб анҷир, челон, чормағз, аз Ҳисор шакарсеб, аз Тебалай тути музаффарӣ оварда, дар панҷ ҷойи Навобод боғ бунёд карда буд. Ӯ мегуфт, ки ҳафт пушташ дар охири зимистон Садаро ҷашн мегирифтанд».

Соли 1919 дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ - Тоҷикистони имрӯза касалии вабо омад. Мардуми деҳот номи онро «обпартояк» мегуфтанд. Вабо дар он солҳо дар кӯҳистони Терай сабаби марги ҳазорон нафар гардид. Дар натиҷа деҳаҳои хурд пурра барҳам хӯрда, деҳаҳои калон камодам шуданд. Деҳоти Кури Шол, Думбакон, Лӯлибача, Седаргӣ, Чашмаи Сӯхта, Боғи Сабзалӣ, Ҷангалак аз байн рафтанд. Табиист, ки баъди ин воқеаи даҳшатбор ҷашну маросим низ камранг ва ё солҳо баргузор нагаштанд, аммо мардуми кӯҳистон дубора ҷашнҳояшонро эҳё карданд, чунки барояшон ин ҷашну маросим на танҳо муҳим, балки муқаддас буд.

Шоҳидон нақл мекунанд, ки солҳои 50-60 асри гузашта дар деҳаи Кури Шол ҷашни Сада бо шукӯҳ таҷлил мешуд. Ба он маросим иштирокчиёни пирони рӯзгордидаи деҳа Орифи Чӯбина, Бобо Шароф, Азим Ганҷал, Шарифи Абдураҳмон, Сайфуллоҳи Яъқуб сарварӣ мекарданд ва тамоми суннатҳои ҷашни Садаро ба ҷо меоварданд.

Солҳои 60-уми асри гузашта мардуми деҳотро ба водӣ кӯчонданд. Онҳо бояд замини таҳдаштро обод менамуданд. Сарсонию саргардониҳо боис гашт, ки баъзе маросими мардумӣ аз байн раванд ва ё камранг шаванд. Аз ҷониби дигар, ҳукумати шуравӣ барои таҷлил кардани ҷашну идҳои ниёгонамон зид буд ва онҳоро расму оини хурофотӣ мепиндошт. Аммо бузургии халқи мо он аст, ки суннатҳои миллии худро фаромӯш насохт ва баъд аз ба истиқлолияти давлатӣ мушарраф гаштан онҳоро дубора эҳё намуд. Имрӯз он дар мавзеи «Давлатобод»-у «Дашти Ҷам» бо шукӯҳи тоза таҷлил мешавад.

**Исматуллоҳ ЯЪҚУБЗОД, узви ИЖТ, Аълочии матбуоти Тоҷикистон**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронда мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419703 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сохтмони айвончаҳо (7 адад) бо андозаи 5,0х5,0 м, ҳоҷатхона (барои 2 ҷой) ва нуқтаи назоратӣ (1 адад) бо андозаи 2,0х3,0 м дар МДТТ «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №93»-и шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.02.2024 15:20:00 |
| 2 | 419705 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сохтмони айвончаҳо (6 адад) бо андозаи 5,0х5,0 м, ҳоҷатхона (барои 2 ҷой) ва нуқтаи назоратӣ (1 адад) бо андозаи 2,0х3,0 м дар МДТТ «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №137»-и шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.02.2024 15:45:00 |
| 3 | 419707 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сохтмони айвончаҳо (6 адад) бо андозаи 5,0х5,0 м ва ҳоҷатхона (барои 2 ҷой) дар МДТТ «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №134»-и шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.02.2024 16:10:00 |
| 4 | 419709 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сохтмони айвончаҳо (6 адад) бо андозаи 5,0х5,0 м, ҳоҷатхона (барои 2 ҷой) ва нуқтаи назоратӣ (1 адад) бо андозаи 2,0х3,0 м дар МДТТ «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №119»-и шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.02.2024 16:30:00 |
| 5 | 419704 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и «Роғун» | Сохтмони хати оби нӯшокии дохилӣ ва берунӣ дар маҳаллаи 7-и шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод (гузаранда) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.02.2024 16:40:00 |
| 6 | 419706 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и «Роғун» | Сохтмони роҳҳои дохилишаҳрӣ дар маҳаллаи навбунёди Ҷ/д «Бӯстон»-и ноҳияи Файзобод (гузаранда) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.02.2024 16:40:00 |
| 7 | 419708 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и «Роғун» | Сохтмони роҳҳои дохилишаҳрии қисмати марказии маҳаллаи 7-и шаҳраки Дарбанд (гузаранда) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.02.2024 16:40:00 |
| 8 | 419716 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ -кӯдакистони томактабии №7»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 19.02.2024 13:55:55 |
| 9 | 419717 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ -кӯдакистони томактабии №11»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 19.02.2024 13:55:55 |
| 10 | 419718 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ -кӯдакистони томактабии №17»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 19.02.2024 13:55:55 |
| 11 | 419719 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ -кӯдакистони томактабии №19»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 19.02.2024 13:55:55 |
| 12 | 419720 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ -кӯдакистони томактабии №20»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 19.02.2024 13:55:55 |
| 13 | 419721 | Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣ ва ороишӣ»-и шаҳри Душанбе | Тасмаҳои неонӣ, фейерверк ва иншооти равшании барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 19.02.2024 14:34:00 |
| 14 | 419722 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои варзишӣ, техникаи маишӣ, таҷҳизоти техникӣ, парфюмер,соатҳои интеллектуалӣ (смарт), курсӣ -аробача (кресло - коляска) ва молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 19.02.2024 14:45:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонат-мобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**15 феврали соли 2024 музоядаи №11-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамояд**

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё рақами бақайдгирӣ | Соли барориш ё баистифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Саманд | 245 ХЕ 01 | 2005 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4500 |
| 2 | БМВ – 530 | 515ХМ01 | 2002 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12000 |
| 3 | ВАЗ – 21212 | б/н | 2008 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6500 |
| 4 | ВАЗ – 21214 | б/н | 2012 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6500 |
| 5 | Хонда – СРВ | б/н | 1999 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8000 |
| 6 | Опел – астра | 418 ХС 01 | 1996 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5000 |
| 7 | Опел – астра | 407 ХС 01 | 1996 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5000 |
| 8 | Опел – астра | 410 ХС 01 | 1996 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5000 |
| 9 | Опел – астра | 411 ХС 01 | 1997 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5000 |
| 10 | Опел – астра | 063 ХХ 01 | 1998 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 5500 |
| 11 | Саманд | 240 ХЕ 01 | 2002 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6100 |
| 12 | ВАЗ – 21010 | 67-02 В РТ 01 | 2007 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6100 |
| 13 | ВАЗ – 21012 | 67-05 ВРТ 01 | 2007 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 600 |
| 14 | ВАЗ – 21012 | 67-03 В РТ 01 | 2007 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 6100 |
| 15 | Тойота RAV – 4 | 769 ХМ | 2004 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 30000 |
| 16 | Hyundai Starex | 408 ХС 01 | 2002 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7500 |
| 17 | Hyundai Starex | 414 ХС 01 | 2000 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 7500 |
| 18 | Hyundai Starex | 415 ХС 01 | 2000 | Дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 8000 |
| 19 | Опел – Вектра | 247 ХТ 01 | 2002 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе | 9000 |
| 20 | Мерседес – Бенс | 078 ХК01 | 1997 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе | 13000 |
| 21 | ВАЗ – 2107 | 421 ХС 03 | 2005 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | 3500 |
| 22 | ВАЗ – 2121 | 433 ХС 03 | 2006 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | 4000 |
| 23 | Дэу – Сиело | 084 ХА 03 | 1996 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | 3000 |
| 24 | Муссо | 739 ХВ 03 | 1999 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | 7500 |
| 25 | УАЗ – 31519 | 741 2Е01 | 2004 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | 6500 |
| 26 | УАЗ – 39629 | 419 ХС 03 | 1999 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | 6000 |
| 27 | ГАЗ – 66 | 33-23 А 03 | 1990 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | 12000 |
| 28 | ЗИЛ – 131 | 33-08 А 03 | 1980 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон | 12000 |
| 29 | Фотон | 509 2Н 01 | 2011 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ | 6500 |
| 30 | Нива – Шевролет | 546ХА04 | 2009 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ | 12000 |
| 31 | ВАЗ – 21214 | 277 ХА 04 | 2007 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ | 7500 |
| 32 | ВАЗ – 21144 | 278 ХА 04 | 2012 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ | 8500 |
| 33 | Джинбей | 731 ХА 01 | 2011 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ | 6500 |
| 34 | Хонда – СРВ | 107 ХА 04 | 2002 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ | 8000 |
| 35 | BAW | 024 ХА 04 | 2012 | Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ | 23400 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол»** оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули а**нглисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати $10^{00}$ барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ МУҲАНДИСИЮ ОМӮЗГОРИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ»

**барои ишғоли ҷойҳои холии кории маъмурию профессорӣ-омӯзгории зерин дар соли таҳсили 2023-2024 ОЗМУН эълон менамояд:**

| № | Номи сохтор | Номгӯйи вазифаҳои холӣ | Воҳиди кории холӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Маъмурият | Декани факултети муҳандисӣ-омӯзгорӣ | 1 |
| 2 | Маъмурият | Декани факултети технология ва иқтисодиёт | 1 |
| 3 | Маъмурият | Мудири кафедраи энергетика ва нақлиёти автомобилӣ | 1 |
| 4 | Маъмурият | Мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ ва дизайн | 1 |
| 5 | Маъмурият | Мудири кафедраи педагогикаи касбӣ | 1 |
| 6 | Маъмурият | Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ | 1 |
| 7 | Маъмурият | Мудири кафедраи фанҳои табиию риёзӣ | 1 |
| 8 | Факултети технология ва иқтисодиёт | Сармутахассис (ҷонишини декан оид ба корҳои тарбиявӣ) | 1 |
| 9 | Кафедраи энергетика ва нақлиёти автомобилӣ | Омӯзгорони фанҳои тахассусӣ (энергетика ва нақлиёт) | 2 |
| 10 | Кафедраи технологияи иттилоотӣ ва дизайн | Омӯзгорони фанҳои технологияҳои иттилоотӣ | 2 |
| 11 | Шуъбаи таълим | Сардори шуъба | 1 |
| 12 | Шуъбаи тарбия | Сармутахассиси шуъба | 2 |
| 13 | Бахши ҷавонон | Сардори бахш | 1 |
| 14 | Шуъбаи илм ва инноватсия | Сардори шуъба | 1 |
| 15 | Шуъбаи илм ва инноватсия | Сармутахассиси шуъба | 1 |
| 16 | Шуъбаи илм ва инноватсия | Сармутахассиси шуъба (котиби Шурои илмӣ) | 1 |
| 17 | Бахши технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ | Сардори бахш | 1 |

Маълумоти иловагиро ҷиҳати иштирок дар озмун бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 48, тел.: 231-27-30, шабакаи иҷтимоии Facebook ва сомонаи интернетии Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе» **WWW.KMOD.TJ** гирифтан мумкин аст.

**Санаи ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо:** 15 феврали соли 2024 то соати $17^{00}$.


# ОСУДАГИВУ ОРОМӢ - НООБРАСИТ

- бедорхобиро аз байн мебарад;
- хобро муътадил мегардонад;
- таркиби растанӣ хосияти оромибахш дошта, афзоиши асабониятро аз байн мебарад.




Нообрасит истеҳсоли Федератсияи Россия буда, истеъмоли он аз 12-сола боло иҷозат аст. **Истеъмол:** 1-капсулагӣ ду маротиба дар як рӯз.

**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.**

Телефон барои тамос:
**107-55-58-58**

# МУЖСКОЙ КОРЕНЬ –

**РАҲОӢ АЗ ПРОСТАТИТИ ШАДИД ВА АДЕНОМА**




- Ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарораҳо дар ғадуди простата мусоидат мекунад.
- Ба пурра холӣ шудани пешобдон кӯмак расонда, аз зуд-зуд пешобкунӣ наҷот медиҳад
- Фаъолияти ҷинсии мардонро барқарор месозад

**Тарзи истеъмол:** Рӯзе 2 маротиба ба таги забон 15-20 чакра.

**Давомнокии табобат:** 1 моҳ

**Шакли барориш:** шишача 50 мл.

**АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД.**

Телефон барои тамос: **107-55-58-58**


# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии таҳти рақами инвентарии №01/10542, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 23 октябри соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Марказӣ (ҳоло ноҳияи Фирдавсӣ), кӯчаи Деҳотӣ, бинои 21/5, хонаи 39 ба Умаров Махсумҷон Абдуҷонович (РМА №045334563) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи квартира таҳти феҳрасти 1Ш-1195, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 10 майи соли 2013 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ, бинои 21/5, хонаи 39 ба Умаров Махсумҷон Абдуҷонович (РМА №045334563) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 237251, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 11- и ноҳияи Қубодиён соли 1989 ба Қурбонова Гулғунча Акбаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ № 178545, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 11- и ноҳияи Қубодиён соли 1970 ба Хамроева Бибисора Сувоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи ШТС №0061496 дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро МТМУ №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2003 ( РМА 015198875) ба Сафаров Зоиршо Раҷабович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТА №0410920 дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро МТМУ №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2009 ба Нафасова Матлуба Раҷабалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА № 0236352 дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро МТМУ №16-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2015 ба Азимаҳмадов Бобоҷон Дилшодович додааст, эътибор надорад.

✓ Маълумотномаи гумшудаи №019008, ки онро Комиссияи ҷумҳуриявии тиббӣ-меҳнатӣ 8-уми январи соли 2001 бо ташхиси бемории умумӣ ба Тағоев Мирзохон Шарифхонович (санаи таваллудаш – 12-уми марти соли 1966) (РМА 055564977) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи ТС-0013919, ки онро МТМУ №93-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2001 ба Саидова Сарвиноз Кароматулоевна (РМА 046727100) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДММ №0001859, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино таҳти қайди 203 санаи 29-уми июни соли 2004 (РМА 045193445) ба Родионова Ольга Валерьевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи дар бораи бақайдгирии давлатии №0210570, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ 16 марти соли 2020 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Ҳазора ба Мирзоев Раҷаббой Субҳонқулович (РМА 126078535) додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилнома (ордер)-и гумшудаи силсилаи Н№990, ки онро Кумитаи иҷроияи совети депутатҳои халқи ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе 28-уми декабри соли 1988 бо суроғаи шаҳри Душанбе, маҳаллаи Зарафшон-3, бинои 1, хонаи 18 (РМА 046803563) ба Додов Гандом додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ризоев Насим Бобоевич (РМА 056135184, РЯМ 1230227928), ки дорандаи шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ буда, 14-уми феврали соли 2023 дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

✓ ҶДММ «РК сохтмон» (РМА 020038119, РЯМ 0210015539) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.


Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҳамаи давлатдорӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пасгардонида намешавад.

*Ба чопаш 31 январи соли 2024, соати 13:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34855 нусха*

Навбатдори шумора С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97